## ҚАРОРИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–026-и назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 18 феврали соли 2021 ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–026 диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахоновичро дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои фалсафа, профессор Комилов Рустам Саъдуллоевич), тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, тақризҳо ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Атоев Атоулло Мухторович, номзади илми фалсафа, дотсент Сулаймонов Баҳманёр Саидиҳсонович, инчунин, баромади мутахассисон доир ба мавзӯи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: докторони илми фалсафа Ҷононов С., Қодиров К.Б., Самиев Б.Ҷ., ва академик Яъқубов Ю., дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шӯро оид ба диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳамиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ шудаанд;

2. Маводи чопнамудаи муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд;

3. Азизов Комил Ҷурахонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа фалсафа сарфароз гардонида шавад;

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Азизов Комил Ҷурахонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Тарафдор – 13 нафар, Муқобил нест, Бетараф нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Аҳмадов С.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, дотсент** **Муминов А.И.**

**18.02.2021**